## ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»оид ба диссертатсияи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Мавзӯи интихобнамудаи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович-«Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)» ба таҳқиқи муҳимтарини самтҳои педагогӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳими илмӣ мебошад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки инкишофи мамлакат бо мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ намояд.

Бинобар ин, вазоратҳои маориф ва илм, молия, Академияи таҳсилот, ва дигар вазорату идораҳои дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати бознигарии ҷиддии нақшаҳои таълимӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалии таълим барои зиёд намудани соатҳои таълимии фанҳои табииву риёзӣ аз ҳисоби истифодаи захираҳои молиявии иловагӣ бидуни кам кардани ҳаҷми фанҳои гуманитарӣ чораҷӯӣ намоянд.

Ба фикри муаллиф, мо ба омӯзиши ҳамаи фанҳо, аз ҷумла фанҳои дақиқ ва риёзӣ эътибори ҷиддӣ медиҳем, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кишвар зарурати таваҷҷуҳи бештар ба илмҳои дақиқ пеш омадааст. Ин зарурат бо ҳадафи саноатикунонии босуръат ва таъмин намудани рушди минбаъдаи Тоҷикистон вобаста мебошад. Зеро омӯзиши илмҳои дақиқ мафкураи техникии насли наврасро тақвият бахшида, онҳоро ба ҷустуҷӯҳои илмӣ ва ихтироъкориву кашфиёт ҷалб месозад.

Тоҷикистон сарзамини пур аз ганҷу сарватҳои табииву зеризаминӣ мебошад. Вале ин бойгарӣ то ҳанӯз кам омӯхта шуда, дар соҳаҳои

вобаста ба иктишофу ҷустуҷӯи боигариҳои мавҷуда ва истихроҷу коркарди онҳо ба кадрҳои баландихтисос бештар ниёз дорем.

Аз рӯи нуқтаи назари Маҳмудов И.М. бармеояд, ки омӯзиш ва баррасии сарчашмаҳои илмӣ муаммои дарёфти роҳҳои инкишофи салоҳиятнокии касбии омӯзгори оянда, чи дар раванди таълим ва чи дар педагогикаи ватанӣ, ба таври васеъ ва махсус таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, бояд таъкид кард, ки муаллифи рисола дар рафти таҳқиқот ё худ ҳалли масъалаҳои мазкур ба андешаҳои олимони маъруфи соҳаи фалсафа, педагогика ва равоншиносӣ такя намудааст, ки онҳо асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқотро таҳким бахшидаанд.

Маҳмудов И.М. дар мавриди омӯзиш ва таҳлил намудани сарчашмаҳои илмӣ, адабиёт ва рисолаҳои дифоъшуда ба чунин хулоса омадааст, ки дар инкишофи салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои олӣ зимни таълими фанни математика бо истифодаи технологияҳои муосир ҳамон вақт самаранок ташаккул меёбад, ки агар омӯзгорони оянда доир ба моҳият, мазмун ва мундариҷаи асосии принсипҳо ва қоидаҳои таълим, воситаҳои таълим, аз ҷумла истифодаи технологияҳои муосир маълумоти васеъ, чуқур ва ҳамаҷониба гиранд ва технологияи риояи ин принсипҳо ва қоидаҳоро зимни таҳия ва истифодаи технологияҳои муосир аз худ намоянд.

Дар диссертатсия он нуктаҳои илмие, ки пешниҳод шудааст дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, чунин инъикос ёфтааст: Маҷмӯи коркардшудаи салоҳиятнокии педагогии донишҷӯй–маҷмӯи донишҳои инфиродии донишҷӯй аст, ки дар натиҷаи дараҷаи баланди ангезиш ҳосил шуда, дар раванди ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии онҳо зимни истифода аз технологияҳои муосир ташаккул дода шудааст.

Раванди инкишофи салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими донишгоҳӣ зимни ҳамкории маънавии омӯзгор ва донишҷӯён ба роҳ монда мешавад, ки он ба инкишофи потенсиали касбӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯй нигаронида шуда, ҳамзамон барои ташаккули ҷаҳонбинии фардии онҳо заминаи мусоидат фароҳам меорад.

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки ташаккули салоҳияти касбии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияи муосир ба омилҳои зерин вобаста аст: фаъолгардонии маърифати касбии омӯзгорон; татбиқи роҳҳои ташкили фаъолияти педагогӣ бо назардошти хислатҳои инфиродии омӯзгорони оянда; ташкили шароити созгори психологӣ дар машғулиятҳо аз фанни математика.

Дар диссертатсияи такризшаванда, муаллиф дар асоси тахкики ҳамаҷонибаи мавзӯъ хулоса менамояд, ки инкишофи салоҳиятнокии касбӣ дар омӯзгорони оянда метавонад тавассути ҳосил намудани донишу малакаҳои касбӣ, дар раванди истифодаи шаклҳои мухталифи супоришҳои хусусияти эҷодӣ ва таҳқиқотӣ дошта, ҳамчунин тавассути баланд бардоштани потенсиали шахсии онҳо дар заминаи технологияи ба ташаккули шахсият мусоидаткунанда ба даст оварда шавад.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ ба натиҷагирии амиқи илмӣ соҳиб гардида, муайян намудааст, ки ҷараёни инкишофи салоҳиятнокии касбии донишҷӯён дар раванди таълими донишгоҳӣ бо назардошти омилҳои зерин ба натиҷаҳои дилхоҳ мерасонад: сатҳи азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи касбӣ; талаботи донишҷӯён ба таҳқиқи матн; эҷодкорона муносибат кардан дар рафти омӯзиши фанни математика.

Муаллифи рисола таҳқиқоти диссертатсионии худро дар сатҳу дараҷаи матлуб расонида, дар раванди он мустақилиятнокӣ, эҷодкорӣ ва кобилиятҳои хуби таҳкикотиро зоҳир намудааст. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро инъикос менамояд.

Мавзӯъ ва мазмуни тадқиқот бо шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаи асосии таҳқиқот дар зиёда аз 12 корҳои илмӣ вобаста ба муаммои таҳқиқшуда инъикос ёфтааст.

Яке аз ҷиҳати хуб дар таҳқиқот дар он мебошад, ки аз тарафи Маҳмудов И.М. маҷмӯи озмоишҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир коркард ва муайян карда шудааст. Боиси тазаккур аст, ки дар диссертатсия ба таври мушаххас таҳлили миқдорӣ ва ҳам сифатии натиҷаи таҳқиқот дар шакли ҷадвал, диаграмма оварда шудааст.

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо инчунин камбудиҳо дида мешаванд:

1. Дар ҳаҷми маҳдуд таҳлили сарчашмаҳои илмии олимони тоҷик аз рӯи муаммои таҳқиқшаванда оварда шудааст;

2. Муаллиф ҳангоми таҳияи рисола ба хатогиҳои техникӣ ва баъзан ба хатоҳои имловӣ роҳ додааст;

Бояд гуфт, ки он норасогиҳое, ки зикр гардиданд, шакли тавсиявӣ дошта, ба мундариҷа ва сатҳи баланди илмии рисола таъсири манфӣ намерасонад ва ислоҳҳои он бар фоидаи кор аст.

Аз тарафи диссертант автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегирад.

Боиси зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудов И.М. ҳолати бидуни иқтибос истифода шудани мавод мушоҳида карда намешавад. Маъхази ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда нишон дода шудааст.

Комиссияи ташхисии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 талаботи бандҳои 10,11,12, 14 и 16-ми "Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"- и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 ноябри соли 2016 тахти №505 тасдик гардидааст, ба назари эътибор гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» пешниҳод гардидааст, ба ҳимоя иҷозат дода шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин **тавсия** карда мешаванд:

1) **Нугмонов Мансур**–доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

2) **Абдуллоев Шавкат Усмонович**-номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

3) **Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия карда мешавад.

4) Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:** доктори илмҳои педагогӣ: ________ Абдуллоева М.А.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои педагогӣ: ________ Файзиев И.Д.

номзади илмҳои педагогӣ: ________ Ишматова Ш.А.

РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**09.03.2021с.**